**Суратмаҷлиси № 5-и**

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣғтаърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

аз 15 марти соли 2025

**Иштирок доштанд:**
Аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсия 3 нафар доктори илм аз рӯйи хтисоси иилмии диссертатсияи баррасишаванда

15 марти соли 2025, соати 13:00 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 15:12.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Ф.М.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Ҳакимзода Файзали Исматулло** дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Ф.М. шунида шуд.

Диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҷӯраев Хайём Акрамович

**Муқарризони расмӣ:**

**Тағоева Табассум Музафаровна** - доктори илмҳои филологӣ,

профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Азизова Мастона Ҳамидовна** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Котиби илмии Шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Диссертант Ҳакимзода Файзали Исматулло оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шуро, доктори илмҳои филологӣ, профессор Каримов Ш.Б., доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимов О.Ҳ., доктори илмҳои филологӣ, профессор Шербоев С., доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷабборова М.Т., ва доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Ф.М. ҷавоб дод.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷӯраев Хайём Акрамович тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии Шуро матни тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Диссертант Ҳакимзода Файзали Исматулло ба эродҳои муассисаи пешбар ва муқарризони ғайрирасмие, ки ба автореферати диссертатсия тақриз пешниҳод намудаанд, ҷавоб дод.

Муқарризони расмӣ - **Тағоева Табассум Музафаровна** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва **Азизова Мастона Ҳамидовна** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ диссертант ҷавоб дод.

Доктори илм, профессор **Каримов Шухрат Бозорович, дотсент Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна, профессорон Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна ва Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** баромад карда, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ –

доктори илмҳои филологӣ Каримов Шуҳрат Бозорович, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён Саодатшо Қосимзода ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои Шуро 11 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсия.

Натаҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11, муқобил – нест, бетараф – нест

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба **Ҳакимзода Файзали Исматулло** дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

**аз 15. 03. 2025 ш. Душанбе**

Баромади **Ҳакимзода Файзали Исматулло** дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,** баромади муқарризони расмӣ - **Тағоева Табассум Музафаровна** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, **Азизова Мастона Ҳамидовна** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ - Доктори илм, профессор **Каримов Шуҳрат Бозорович, дотсент Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна, профессорон Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна ва Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Ҳакимзода Файзали Исматулло**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи **Ҳакимзода Файзали Исматулло** дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

3. Ба Ҳакимзода Файзали Исматулло дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Ҳакимзода Файзали Исматулло дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, д.и.ф, профессор Турсунов Ф.М.
Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.

15.03.2025